Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Қобилов Муҳаббатшо Замирович дар мавзӯи «Таъсири тамаддунҳои ҷаҳонӣ ба рамзи фарҳангӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020200 - муносибатҳои байналмилалӣ**

Диссертатсияи Қобилов Муҳаббатшо ба яке аз масъалаҳои муҳими фарҳангӣ-сиёсӣ бахшида шуда, он аҳамияти калони илмию амалӣ дошта, дар таҳқиқоти имрӯзаи илмҳои таърихи муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсатшиносӣ, дипломатия, геополитика, минтақашиносӣ ва равандҳои ҳамгироӣ мубрам ба ҳисоб меравад. Дар таҳқиқот нуқтаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд.

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки дар радифи масъалаҳои муколама ё бархурди тамаддунҳо зарур аст, ки вазъияти фарҳангӣ-тамаддунӣ ва сиёсии минтақаҳои муайян, бахусус давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, аз он ҷумла давлатҳои Осиёи Марказӣ омӯхта шавад. Чунки баъди аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ дар ин ҷумҳуриҳо холигии фарҳангӣ ва сиёсӣ ба вуҷуд омада, тамаддунҳои пешбари ҷаҳонӣ якбора ба кӯшиши пур кардани ин холигӣ бо арзишҳои фарҳангӣ ва сиёсии худ пардохтанд. Аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тарафдорони таассубгароии динӣ мехостанд, арзишҳои шӯравиро решакан намуда, ғояҳои исломӣ, арзишҳо, қонунҳо ва шариати исломиро ҷорӣ намоянд.

Қабули Консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори масъалаҳои афзалиятноки асосноккунии назариявии самтҳои асосии сиёсати таъмини бехатарӣ дар равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, сиёси-фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ гузошта буд. Ҷумҳурии Тоҷикстон дар шароити ҷаҳонишавӣ дар рӯ ба рӯи масъалаи интихоби самтҳои афзалиятноки рушди ҷомеа ва вобаста ба он барқарор намудани робитаи зич бо намояндагони фарҳангу тамаддунҳои гуногун қарор дорад.

Ҳамин тариқ, баррасии дараҷаи илман омӯхта шудани мавзӯи диссертатсия нишон медиҳад, ки масъалаи таъсири тамаддунҳои ҷаҳони ба рамзи фарҳанги-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мавзӯи пажӯҳиш мубрамияти калон дорад ва ҳадаф аз ин таҳқиқот низ ҳамин мебошад.

Масъалаи тамаддунҳо ва рамзи фарҳангӣ-сиёсӣ дар мактаби илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун масъалаи муҳими илмҳои ҷамъиятшиносӣ бори нахуст мавриди баррасӣ қарор гирифта, навгонии илмии дар ин таҳқиқот ҳисобидан мумкин аст.

**Пойгоҳи манбавии диссертатсияро** маъхазҳои аввалиндараҷа, аз қабили суханрониҳо, паёмҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, оинномаҳои созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, эъломияҳо ва аҳдномаҳои давлатҳои узви созмонҳо, созишномаҳо ва маводҳои матбуоти даврӣ, инчунин манбаъҳои интернетӣ ташкил додаанд.

Дисертатсия ба се боб, ҳафт параграф, муқаддимаву хулоса, номгӯи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда қисмат шудааст.

Дар **муқаддима** аҳамияти илмии таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, заминаҳои манбаъвӣ, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқот муайян шудаанд, навгонии илмӣ, объект ва предмети таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, асоси методологии он нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида, чаҳорчӯбаи хронологӣ, тасвиби натиҷаҳо ва сохтори диссертатсия мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби якуми диссертатсия ***«Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи масъалаи тамаддун»***, аз ду параграф иборат мебошад. Дар зербоби якуми боби мазкур ***«Мафҳум, шаклҳо, сохтор ва паҳншавии тамаддун, назарияи рамзи фарҳангӣ дар илми муосир»*** оид ба тамаддунҳои ҷаҳони сухан рафта, диссертант қайд мекунад, ки асосҳои илмӣ- назариявии омӯзиши тамаддунро чун падидаи иҷтимои-сиёсӣ ва таърихӣ-фарҳангӣ омӯхта, хулоса кардан мумкин аст, ки консепсияи тамаддун пеш аз ҳама ба ҷустуҷӯйи қолаби ягона, шакли бартариятдоштаи ҳамгироии иҷтимоӣ равона гардида, мафҳуми тамаддун дар маънои меъёрӣ-арзишӣ истифода мешавад ва ин имкон медиҳад, ки қолаб ё «шакли бартариятдоштаи

ҳамгирой»-ро дарҷ намояд. Дар ҳолати мавҷудияти тамаддун, сатҳи баланди рушди фарҳангӣ, бунёди арзишҳои маънавӣ, модӣ ва фарҳангӣ дастрас мегарданд ва тамаддун ин зинаи олии ҷомеаи таърихӣ мебошад. Дар байни намояндагони мактабҳои илмӣ доир ба тамаддун ақидаи ягона вуҷуд надорад, омӯзиши илмии тамаддун бошад барои муайян намудани дурнамои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аҳамият холӣ нест. Зербоби дуюми боби якум ***«Мафҳум, шаклҳо, сохтор ва паҳншавии тамаддун. Назарияи рамзи фарҳангӣ дар илми муосир»*** ном дошта, дар он масъалаҳои таснифи тамаддунҳо мувофиқи хусусияти ҷамъиятии субъект ба маҳаллӣ ё миллӣ, минтақавӣ ё ҷаҳонӣ; аз рӯйи низоми ҷаҳонбинӣ ба - динӣ ва дунявӣ; аз ҷиҳати хусусияти идеологӣ ба динӣ-маросимӣ, динӣ-сиёсӣ, динӣ-теологӣ, динӣ-ахлоқӣ; аз ҷиҳати ташкили технологӣ ба марҳалаи то саноатӣ, саноатӣ ва пасосаноатӣ баррасӣ гардидааст. Диссертант ба хулосае меояд, ки мафҳуми тамаддун хеле васеъ буда, ҳар як мактаби илмӣ онро ба таври муайян ва алоҳида маънидод мекунад; ҳамаи таърифҳоро ба инобат гирифта, тамаддунро чунин шарҳ додан мумкин аст, тамаддун – ин ҷамоати фарҳангии одамон мебшад, ки таърих, ҳамзистии иҷтимоии муайян, одатҳои иҷтимоии хос, фазои муайяни мухтор ва минтақаи муайянро дар низоми ҷаҳонӣ соҳиб гаштааст; яке аз таърифҳои оддии тамаддун, ин - сатҳ ё зинаи инкишофи ҷамъиятӣ ва фарҳангии ҷомеа мебошад; тамаддун бо фарҳанг зич алоқаманд мебошад.

Боби дуюми диссертатсия ***«Масъалаи таъсири мутақобилаи тамаддунҳои ҷаҳонӣ»***, аз ду зербоб таркиб ёфтааст. Дар зербоби якуми боби дуюм ***«Ташаккули тамаддуни Ғарб ва таъсири он ба фазои фарҳангии тамаддунҳои дигар»*** диссертант қайд менамояд, ки тамаддуни Ғарб – фарҳанги аксарияти он ҳалқиятҳои европой мебошад, ки дар минтақаи Европа ва берун аз он - дар Америкаи Шимолӣ, Австралия ва баъзе ҷазираҳо ҳаёт ба сар мебаранд. Дар бораи замони пайдоиши тамаддуни Европа фикрҳои гуногунро пешниҳод кардааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюм ***«Хусусиятҳои фарқкунундаи ташаккули тамаддуни Шарқ ва ҷанбаҳои асосии рушди он»*** диссертант иброз менамояд, ки таърихи ҷаҳонӣ аз Шарқ сарчашма мегирад. Маҳз дар Шарқи қадим аввалин бор ниҳодҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар шакли устувор бунёд шуданд. Аз ҷиҳати геополитикӣ пайдоиши тамаддуни Шарқро бештар ба тамаддуни Мисри Қадим, Бобулистон, Ҳиндустон, Чини Қадим,

Эрон ва ҷаҳони мусулмонӣ вобаст медонанд. Ҳамин тавр, хулоса менамояд, ки фарҳанг ва тамаддуни Шарқ гуфта мамлакатҳои Хитой, Ҳиндустон, Япония, Эрон, Туркия, давлатҳои Араб, даватҳои Осиёи Марказӣ ва дигар давлатҳои ва халқиятҳои Осиёро дар назар доранд, ки бо анъанагарой ва шуурнокии ҷамъиятиашон аз дигар давлатҳои олам фарқ мекунанд.

Боби сеюми диссертатсия ***«Таъсири тамаддунҳои ҷаҳонӣ ба рамзи фарҳангӣ-сиёсии Тоҷикистон»*** аз се параграф иборат буда, дар параграфи якуми боби сеюм ***«Таъсири тамаддуни арабӣ-исломӣ ба рамзи фарҳангӣ-сиёсии Тоҷикистон»*** диссертант қайд менамояд, ки баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ диққати ҷомеа ба дини ислом, тарзи ҳаёти исломӣ ба таври наззаррас афзуд. Миқдори зиёди ташкилотҳои исломӣ ба вуҷуд омаданд, ки намудҳои гуногуни ақидаҳои диниро - аз анъанавӣ шурӯъ намуда, то ҷиддан ифротиро паҳн мекарданд. Вазъияти иҷтимой-иқтисодӣ дар бархе аз ҷумҳуриҳо, асосан дар Тоҷикистон ниҳоят бад шуд. Зиддият байни ҳизби комунистии ҳоким ва ҳизбҳои сиёсии навташкил ва навэҷод ба низоъ ва зиддиятҳо оварда расонд. Инҷо хулоса кардааст, ки гарчанде таъсири анъанаву расму русум ва дин барои ҷомеъаи Тоҷикистон муҳим бошанд ҳам, пешрави давлатро муносибатҳои ҷамъиятии демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд муайян месозанд.

Дар параграфи дуюми боби сеюм ***«Тоҷикистон дар шароити таъсири фарҳангӣ сиёсии Шӯравӣ»*** диссертант таъкид менамояд, ки яке аз воқеаҳое, ки самти рушди Осиёи Марказиро дигаргун сохт ин дохил намудани ин минтақа ба ҳайати Россия дар нимаи дуюми асри XIX ва барқарор шудани ҳокимияти Шӯравӣ дар даҳсолаи дуюми асри XX буд. Инчунин диссертант қайд менамояд, ки дар замони Шӯравӣ тоҷикон ҳамчун миллат бори дигар шинохта шуданд, сарҳади давлатӣ муайян карда шуд, бартарии забони русӣ ва забони тоҷикӣ дар ҷумҳурӣ эътироф карда шуда буд, анъанаҳои нав бо тақозои замон ба миён омаданд.

Ҳамин тавр, унвонҷӯ ба хулоса омадааст, ки дар маҷмӯъ таърихи халқи тоҷик ва фарҳанги сиёсии он, махсусан давраи Шуравӣ ҳоло ҳам аз диди нав пурра мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст ё хуб барои омӯзиш ба роҳ монда нашудааст.

Дар параграфи сеюми боби сеюм *«Таъсири тамаддуни Ғарб ба рамзи фарҳангӣ - сиёсии Тоҷикистон»* таҳлил гардида, диссертант менависад, ки арзишҳои олами европоӣ гуфта, маҷмуи меъёрҳои асосии некуаҳволии оила, ҷомеа ва давлат, сиёсат, иқтисодиёт, ҳуқуқ, фарҳанг, ахлоқ ва ғайраро дар назар дорем, ки барои сокинони бештари Европа ва олами Ғарб ягона мебошанд ва онҳоро муттаҳид месозанд.

Пайдоиши унсурҳои тамаддуни Ғарбиро дар Осиёи Марказӣ бевосита бо омадани Россия ба ин минтақа шуморидааст. Ҳамин тариқ диссертант хулоса менамояд, ки солҳои аввали истиқлолият барои давлати ҷавони мо давраи ниҳоят вазнин, вале сарнавиштсоз буданд. Тоҷикистон дар даврони истиқлолият ислоҳоти ҷиддии сохториро дар самтҳо ва соҳаҳои ҳаётан муҳими давлат, ба монанди идоракунӣ, молия, бонкдорӣ, бахшҳои воқеии иқтисодиёт, инчунин маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ оғоз намуда, бо қабул ва татбиқнамудани як силсила қонунҳо, барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва андешидани тадбирҳои судманд ба татбиқи нақшаҳои азими рушд заминаи мустаҳкам гузошт.

Дар **хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, таҳлилу баррасии таъсири тамаддунҳои ҷаҳонӣ ба рамзи фарҳангӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушкилиҳои дар ин самт чойдошта натиҷагирӣ шудаанд. Инчунин хулосаҳои илмии таҳқиқот ва аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот низ пешниход шудаанд.

Дар маҷмӯъ, муаллиф пас аз омӯзиши маъхазҳо, адабиёти илмии соҳавӣ, гузаронидани таҳлилу муқоиса ва мушоҳидаи сотсиологӣ дар навишти диссертатсия вазифаи дар наздаш гузошташударо ба пуррагӣ иҷро кардааст. Паҳлуи дигари мусбии анҷоми ин таҳқиқот дар он аст, ки муаллиф донандаи хуби забонҳои русиву англисӣ буда, ба таври васеъ адабиёту сарчашмаҳоро бо забонҳои хориҷӣ истифода бурдааст.

Бояд таъкид кард, ки мавзӯи мазкур то ҳанӯз дар ҳаҷми як таҳқиқоти мукамал ва диссертатсия баррасӣ нагардидааст, бинобар ин интихоби он дуруст ва актуалӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, тавсия карда мешавад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълим ба таври васеъ истифода бурда шаванд; омузгорони фанҳои сиёсатшиносӣ, геополитика, амнияти миллӣ, диншиносӣ, сотсиология, фарҳангшиносӣ метавонанд дисертатсия мазкурро ба донишҷӯён хамчун адабиёти иловагӣ барои

мутолиа намудан тавсия кунанд; маводи диссертатсия метавонад дар раванди таҳияи барномаҳои таълимӣ, васоити таълимӣ ва китобҳои дарсӣ низ истифода бурда шавад.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо он асоснок мегардад, ки дар рисолаи мазкур дар таҳқиқи масъала муаллиф методҳои илмии сиёсатшиносиро дар сатҳи зарурӣ истифода намуда, адабиёти ба мавзӯъ дахлдоштаро тахлилу баррасӣ кардааст. Хулосаҳои муаллиф бо далелҳои илмию назариявӣ ва дар заминаи тахлили равандҳои сиёсӣ асоснок карда шудаанд. Ҷанбаҳои назариявии мавзуъ дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ гардидааст.

Дар баробари комёбиҳои диссертатсия, пешниҳоди чанд эродҳо зарур аст:

1. Маълум аст, ки дар баробари мавҷудияти таъсири мусбии тамаддунҳои ҷаҳонӣ, инчунин масъалаи бартараф намудани таъсири манфии онҳоро низ ҷустуҷӯ намудан лозим. Дар таҳқиқоти мазкур хуб мебуд агар дар бораи пешгирии таъсири манфии тамаддунҳои муаян низ таҳқиқот анҷом меёфт;

2. Ба андешаи мо мафҳуми «тамаддуни Шӯравӣ», ки дар боби дуюми дисертатсия бештар истифода гардидааст, хубтар мешуд, ки дар шакли “фарҳанги Шуравӣ” истифода мешуд;

3. Мавзӯи диссертатсия “Таъсири тамаддунҳои ҷаҳонӣ ба рамзӣ фарҳангӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бениҳоят васеъ буда, ҳангоми таҳқиқот муаллиф дар баъзе ҳолатҳо аз чаҳорчӯби сохтори он берун баромадааст;

4. Албатта хатогиҳои ҷузъии имлоиву техникӣ ба назар мерасанд. Алалхусус ҳангоми тарҷумаи матн аз тоҷикӣ ба русӣ душворфаҳмӣ пеш меояд. Чунин нуқсонҳо пеш аз таҳияи монографияи илмӣ мумкин аст бартараф карда шаванд.

Аммо эродҳои овардашуда ҳаргиз арзиши илмии диссертатсияро кам намегардонанд ва диссертатсия ба баҳои мусбӣ арзанда буда, ба тамоми талаботҳое, ки барои таҳияи диссертатсияи номзадӣ пешниҳод шудааст, ҷавобгӯй мубошад.

Нуқтаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳод гардида илман асоснок буда, аз камолоти илмӣ-эҷодии муаллиф шаҳодат медиҳанд. Натиҷа ва пешниҳодҳое, ки аз ҷониби муаллиф таҳия шудаанд, муҳиманд ва сазовори боварӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсия Қобилов Муҳаббатшо Замирович дар мавзӯи “Таъсири тамаддунҳои ҷаҳонӣ ба рамзӣ фарҳангӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферагҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи одни аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, таҳти №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Қобилов Муҳаббатшо Замирович сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020200 – муносибатҳои байналмилалӣ мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 74-75-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри сол 2016, №505 тасдиқ гардидааст ва банди 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри сол 2016, №505 тасдиқ гардидааст, омода ва пешниҳод шудааст.

**Номзади илмҳои таърих,**
**директори Пажӯҳишгоҳи равандҳои сиёсӣ,**
**дипломатия ва масоили ҷаҳонишавии**
**Академияи идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** Бобозода
**Фаридун Толибҷон**

Суроға: Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33; тел.: +992 37-224-17-86, 90-111-20-02; e-mail: info@apa.tj.

**«Имзои Ф.Т. Бобозодаро тасдиқ мекунам»**
**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои**
**махсуси Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Суфиев Ф.Р.**